## Ба қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

"20" июни соли 2008 № 1019

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДАСТГОҲИ
№ 104
25 06 2008
4 САҲИФА
ШУЪБАИ УМУМИ

*Аъзои Раёсати Ҳукумат, Мушовирони давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ, оид ба сиёсати хориҷӣ шинос карда шаванд.*

Вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, нақлиёт ва коммуникатсия, корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти гумрук
Барои маълумот ва иҷро

р. Бабаев О.Б.
Барои иҷро

**Вазорати корҳои хориҷӣ**
Барои иҷрои банди 2 ҳамин Қарор

*Ба Раҳимов О.С.*
*Ҳабибов М.Ҳ.*

Муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Р.Қурбонова

«1» июли соли 2008

857 3
02 07 р

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ**
**МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ**
**ТОҶИКИСТОН**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**
**МАДЖЛИСИ НАМОЯНДАГОН**
**МАДЖЛИСИ ОЛИ**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
қарор мекунад:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, ки 9 декабри соли 2007 дар шаҳри Ашқобод ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ҷониби Туркманистонро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии
Тоҷикистон С. ХАЙРУЛЛОЕВ

ш. Душанбе, 20 июни соли 2008
№1019

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ**
**МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ**
**ТОҶИКИСТОН**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**
**МАДЖЛИСИ НАМОЯНДАГОН**
**МАДЖЛИСИ ОЛИ**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

О Соглашении между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Туркменистана о международном автомобильном сообщении

Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан
постановляет:

1. Ратифицировать Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Туркменистана о международном автомобильном сообщении, подписанное 9 декабря 2007 года в городе Ашхабаде.

2. Правительству Республики Таджикистан в установленном порядке уведомить туркменскую сторону о выполнении Республикой Таджикистан внутригосударственных процедур, необходимых для вступления в силу настоящего Соглашения.

Председатель Маджлиси намояндагон
Маджлиси Оли Республики
Таджикистан С. ХАЙРУЛЛОЕВ

г. Душанбе, 20 июня 2008 года
№ 1019

**Созишнома**
**байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамлу нақли байналмиллалии автомобилӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд,

бо истифода аз зарурияти рушди минбаъдаи ҳамкориҳои давлатҳои Тарафҳо дар соҳаи ҳамлу нақли байналмиллалии автомобилӣ,

барои осон намудани амалигардонии алоқаи автомобилӣ байни ду давлат ва ҳамлу нақли транзитӣ аз қаламрави онҳо кӯшиш намуда,

ба мувофиқати зайл расиданд:

## Моддаи 1

Дар асоси Созишномаи мазкур ҳамлу нақли бор ва мусофирон байни давлатҳои Тарафҳо ва ҳамлу нақли транзитӣ аз қаламрави онҳо ва инчунин -ба (аз) кишварҳои сеюм тавассути воситаи нақлиёти автомобилии дар қаламрави яке аз давлатҳои Тарафҳо ба қайд гирифташуда амалӣ гардонида мешавад.

## Моддаи 2

Бо мақсади тафсири муқаррароти Созишномаи мазкур мафҳумҳои зеровардашуда чунин маънидод карда мешаванд:

а) «мақомотҳои салоҳиятдор»:

- Аз ҷониби Тоҷикистон – Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Аз ҷониби Туркманистон – Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои автомобилгарди Туркманистон.

Ҳангоми тағйир ёфтани ном ё вазифаҳои мақомотҳои салоҳиятдор, Тарафҳо сариваќт бо роҳҳои дипломатӣ огоҳ карда хоҳанд шуд.

б) «ҳамлунақлкунанда» - ҳама гуна шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки дар қаламрави яке аз Тарафҳо ба қайд гирифта шудааст ва тибқи қонунгузории миллии онҳо барои амалигунонии ҳамлу нақли байналмиллалии мусофирон ва бор рухсат дода шудааст.

в) «воситаи нақлиёти автомобилӣ»:

- зимни ҳамлу нақли бор – автомобили боркаш, автомобили боркаш бо ядак, автомобили ядакдор ё автомобили ядакдор бо нимядак;

- зимни ҳамлу нақли мусофирон – автобус, яъне воситаи нақлиёти автомобилӣ, ки барои ҳамлу нақли мусофирон пешбинӣ шудааст ва дорои зиёда аз 9 ҷой барои нишаст, аз ҷумла ҷойи ронанда, эҳтимол бо ядак барои ҳамлу нақли бағоҷ,

- ки дар ихтиёри ҳамлунақлкунанда дар асоси ҳуқуқи шахсӣ ё дар асоси шартномаи кироявӣ ё лизинг қарор дорад;

г) «рухсатнома» - ҳуҷҷате, ки дорои ҳуқуқ барои убури воситаи нақлиёти автомобилии дар қаламрави яке аз Тарафҳо ба қайд гирифташуда аз қаламрави Тарафи дигар мебошад, ки аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятдори Тарафҳо дода мешавад;

д) «ҳамлу нақли мунтазами мусофирон» - ҳамлу нақли мусофирон бо автобус тавассути хатсайрҳо, ҷадвалҳо, тарифҳо, нуқтаҳои истгоҳҳои бо мақомотҳои салоҳиятдори Тарафҳо мувофиқа кардашуда, ки дар онҳо ҳамлунақлкунанда мусофиронро савор ва мефароранд;

е) «ҳамлу нақли ғайримунтазами мусофирон» - ҳамлу нақли мусофирон бо автобус, ки зери мафҳуми «ҳамлу нақли мунтазами мусофирон» истифода намешавад;

ж) назорати санитарӣ – санитарӣ, байторӣ, ва инчунин назорати фитосанитарӣ;

з) транзит – ҳамлу нақли бор (бидуни бор кардан ва холӣ кардан) ва ҳамлу нақли мусофирон (бидуни савор кардан ва фаровардан) аз ҷониби ҳамлунақлкунандае, ки дар қаламрави давлати яке аз Тарафҳо ба тариқи убур аз қаламрави Тарафи дигар ба кишвари сеюм ё кишварҳои онҳо амалӣ менамояд;

д) каботаж – ҳамлу нақли мусофирон (ва молҳо тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилии дар қаламрави яке аз Тарафҳо ба қайд гирифташуда, ҳамлу нақли бор ё мусофирон байни нуқтаҳои дар қаламрави давлати Тарафи дигар мавҷудбуда иҷозат дода намешавад.

## Моддаи 3

1. Ҳамлу нақли мунтазами мусофирон тавассути автобусҳо дар самтҳои дутарафа ё транзит, дар асоси рухсатнома, ки аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятдори давлатҳои Тарафҳо барои он қитъаи хатсайре, ки аз қаламрави давлати онҳо мегузарад, дода мешавад.

Дар асоси аҳднома, мақомотҳои салоҳиятдори давлатҳои Тарафҳо ба таври хаттӣ шартҳо ва мӯҳлати эътибори рухсатнома, ҷадвал, тарифҳо, нақшаи хати сайр бо нишондоди нуқтаҳои истгоҳҳо, ки дар онҳо ҳамлунақлкунандагон мусофиронро савор ва мефароранд, аз ҷумла нуқтаҳои гузаргоҳҳо тавассути сарҳади давлатиро мувофиқа менамоянд.

2. Дархост барои гирифтани рухсатнома, ки ҳуқуқи амаликунонии ҳамлу нақли мунтазами мусофиронро бо автобус тибқи хатсайрҳои муқарраргардида тасдиқ менамояд, ба мақомотҳои салоҳиятдори давлатҳои Тарафҳо равон карда мешавад.

3. Мундариҷа, намуди дархост ва рухсатнома аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятдори давлатҳои Тарафҳо муайян карда мешавад.

### Моддаи 4

1. Ҳамлу нақли ғайримунтазами мусофирон дар самтҳои дутарафа ё транзит бо автобусҳои дар қаламрави давлатҳои Тарафҳо ба қайд гирифташуда, дар асоси рухсатнома амалӣ гардонида мешавад, ба истиснои ҳамлу нақли дар бандҳои 2 ва 3-и моддаи мазкур пешбинишуда.

2. Ҳамлу нақли ғайримунтазами мусофирон дар самтҳои дутарафа ё транзит бо автобусҳо дар сурате бидуни рухсатнома амалӣ гардонида мешавад, ки агар гурӯҳи мусофирони ҳамон як ҳайат бо ҳамон як автобус ҳамлу нақл дода шавад, ва зимни ин:

а) сафар дар қаламрави давлати ҳамон Тарафе, ки автобус ба қайд гирифта шудааст оғоз ва анҷом меёбад;

б) сафар дар қаламрави давлати Тарафе, ки автобус дар он ба қайд гирифта шудааст оғоз меёбад ва дар қаламрави давлати Тарафи дигар анҷом меёбад, дар сурате, ки агар автобус ин қаламравро холӣ тарк намояд.

3. Рухсатнома инчунин дар ҳолатҳои зерин лозим нест:

а) барои вфриди автобусҳои холӣ бо мақсади ҳамлу нақли бозгашти гурӯҳи мусофирон аз ҷониби ҳамон ҳамлунақлкунанда аз нуқтаи қаламрави давлати Тарафи дигар, ки дар он ин гурӯҳ расонида шуда буд (дар ҳолате, ки дар зербанди «б»-и банди 2-и моддаи мазкур нишон дода шудааст) ба нуқтаи аввалаи фиристониш;

б) зимни ивази автобуси вайроншуда бо дигар автобус.

4. Зимни иҷрои ҳамлу нақли ғайримунтазами мусофирон, ки дар банди 2 ва зербанди а) банди 3 моддаи мазкур нишон дода шудааст, ронандаи автобус бояд рӯйхати мусофиронро, ки тибқи намуди махсус таҳия ва бо мақомотҳои салоҳиятдори Тарафҳо мувофиқа гардидааст, дошта бошад.

### Моддаи 5

1. Ҳамлу нақли бор ва мусофирон аз ҷониби яке аз Тарафҳо тавассути қаламрави давлати Тарафи дигар дар асоси рухсатнома амалӣ гардонида мешавад.

2. Рухсатномаи дар банди 1 моддаи мазкур овардашуда аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятдор ба ҳамлунақлкунанда зимни воридшавӣ ба қаламрави Тарафи дигар тибқи қонунгузории миллӣ дода мешавад.

### Моддаи 6

1. Дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои дахлдор ҳамлу нақли зерин бидуни рухсатнома дар самтҳои дутарафа ва транзитӣ амалӣ гардонида мешавад:

- ҷасад ва хокистари фавтидагон;
- ашёҳо ва асарҳои санъат, ки барои ярмаркаҳо, намоишгоҳҳо ё дигар чорабиниҳои фарҳангӣ пешбинӣ шудаанд;
- ашёҳо ва лавозимотҳое, ки барои эълон истифода бурда мешаванд ва дар сурате, ки бoз гардонида шаванд;
- моли манқули зимни кӯчидан;
- таҷҳизотҳо, асбобу анҷом ва ҳайвонот, ки барои чорабиниҳои театрӣ, кинотеатрӣ, варзишӣ, мусиқӣ ва сирк, ярмарка ва намоишгоҳҳо, инчунин кино ва сабти телевизион пешбинӣ шудаанд;
- ашёҳое, ки барои расонидани кӯмаки тиббии фаврӣ заруранд, аз ҷумла дар сурати офатҳои табиӣ ва инчунин борҳое, ки дар доираи кӯмакҳои башардӯстона мебошанд;
- мурсилотҳои почтавӣ.

2. Бидуни рухсатнома ҳамзамон убури воситаҳои нақлиёти автомобилии холӣ, ки барои ивази воситаҳои нақлиёти автомобилии вайроншуда ё ба садама дучоршуда ва инчунин автомобилҳои кӯмаки техникӣ барои кашонидан ё таъмири онҳо пешбинӣ шудаанд, амалӣ гардонида мешавад.

### Моддаи 7

1. Ҳамлу нақли дар Созишномаи мазкур пешбинишударо танҳо ҳамлунақлкунандагоне амалӣ гардонида метавонанд, ки тибқи қонунгузории миллии давлати худ барои иҷрои ҳамлу нақли байналмилалӣ рухсат дода шудаанд.

2. Воситаҳои нақлиёти автомобилие, ки ҳамлу нақли байналмилалиро иҷро менамоянд, бояд аломатҳои бақайдгирӣ ва махсуси давлати худро дошта бошанд. Ядакҳо ва нимядакҳо аломатҳои бақайдгирӣ ва махсуси дигар кишварҳоро танҳо дар сурате дошта метавонанд, ки агар автомобилҳои боркаш ё автомобилҳои ядакдор аломатҳои бақайдгирӣ ва махсуси муносиб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистонро дошта бошанд.

## Моддаи 8

Хамлунаклкунанда бояд рухсатномаи махсуси макомоти салохиятдори давлати Тарафи дигарро дошта бошад, агар андоза, вазни умумӣ ё бор ба мехвари воситаи наклиёти автомобилӣ аз меъёрхои мукаррарнамудаи каламрави давлати Тарафи дигар зиёд бошад (гаронвазн ва бузургхачм).

## Моддаи 9

Зимни хамлу накли борхои хатарнок Тарафхо бояд ичроиши тамоми талаботхои шартномахои байналмиллалӣ, ки давлатхои онхо иштирокчии онхо мебошанд ва инчунин конунгузории миллии давлатхои Тарафхоро таъмин намоянд.

## Моддаи 10

1. Ронандагони воситахои наклиёти автомобилӣ бояд шаходатномахои ронандагии миллӣ ё байналмиллалӣ, ки ба категорияи дахлдори воситаи наклиёти автомобилии меронда онхо мансуб аст ва хуччатхои миллии бакайдгирии воситахои наклиёти автомобилиро дошта бошанд.

2. Рухсатнома ва дигар хуччатхое, ки тибки Созишномаи мазкур заруранд, бояд ронандаи воситаи наклиёти автомобилӣ дошта бошад ва зимни талаботи макомотхои салохиятдори давлатхои Тарафхо пешниход карда шаванд.

## Моддаи 11

Хамлунаклкунандагон наметавонанд хамлу накли каботажиро дар каламрави Тарафи кабулкунанда ичро намоянд.

## Моддаи 12

1. Зимни ичрои хамлу накл дар асоси Созишномаи мазкур аз пардохти бочхо ва хирочхои гумрукӣ барои барои ворид намудан озод карда мешаванд:

а) сӯзишвории дар зарфхои асосии барои намуди дахлдори воситаи наклиёти автомобилӣ пешбинишуда, аз чихати техникӣ ва конструктивӣ бо системаи кувваднхии мухаррик алокаманд ва инчунин аз чониби заводи истехсолкунанда барои кувваднхии мухаррики яхдонхо ё дигар дастгохи махсус пешбинишуда;

б) маводхои моликанӣ дар хачмхое, ки барои истифодабарӣ зимни хамлу накл заруранд;

в) агрегатхои муваккатан воридкардашуда, кисмхои эхтиётӣ ва тачхизотхо, ки барои таъмири воситаи наклиёти автомобилӣ дар сурати вайрон шудани он зимни ичроиши хамлу накли байналмиллалӣ заруранд.

2. Кисмхои эхтиётии истифоданашуда ва тачхизотхо бояд аз кишвар берун баровардa шаванд ва кисмхои ивазкардашуда низ бояд аз кишвар берун баровардa шаванд ё ба речаи дигари гумрукӣ тибки конунгузории миллии давлати Тарафи дахлдор супорида шаванд.

## Моддаи 13

Дар асоси Созишномаи мазкур, хамлу накли байналмиллалӣ (инчунин транзит) тавассути воситахои наклиёти автомобилӣ дар каламрави давлатхои Тарафхо бо пардохти андоз барои убур, бочи давлатӣ тибки конунгузории миллии Тарафхо анчом дода мешаванд.

Шартхои додани имтиёз барои пардохти андоз ва бочхои давлатӣ тибки конунгузории миллии хар яке аз давлатхои Тарафхо муайян карда мешаванд.

## Моддаи 14

Хамлу накли мусофирон ва бор, ки тибки Созишномаи мазкур сурат мегирад, танхо зимни сугуртакунонии хатмии масъулияти шахрвандӣ-хукукии сохибони воситаи наклиёти автомобилӣ барои расонидани зарар ба шахсони сеюм амалӣ гардонида мешавад.

Хамлунаклкунанда ӯхдадор аст, ки хар як воситаи наклиёти автомобилиро, ки хамлу накли нишондодашударо амалӣ менамояд, каблан сугурта намояд.

## Моддаи 15

Нисбати назорати сархадӣ, гумрукӣ ва санитарӣ холатхои шартномахои байналмиллалӣ, ки хар ду Тарафхо иштирокчии онхо мебошанд, истифода бурда мешаванд ва хангоми халли масъалахое, ки аз чониби ин шартномахо ба танзим дароварда нашудаанд, конунгузории миллии хар яке аз давлатхои Тарафхо истифода бурда мешавад.

Назорати сархадӣ, наклиётӣ, санитарӣ ва ба расмиятдарории гумрукӣ зимни хамлу накли шахсоне, ки ба кӯмаки тиббии фаврӣ эхтиёч доранд, хамлу накли мунтазами мусофирон ва инчунин зимни хамлу накли бор, ки барои бартараф [illegible]

табиӣ, садамаҳо ва фалокатҳо заруранд, ҳайвонот, борхои зудвайроншаванда, ба таври содда ва дар навбати аввал амалӣ гардонида мешаванд.

## Моддаи 16

1. Ҳамлунақлкунандагони давлатҳои Тарафҳо ӯҳдадоранд, ки ҳолатҳои Созишномаи мазкур ва инчунин қонунгузории миллии Тарафҳо, аз ҷумла қоидаи ҳаракати роҳҳои давлати Тарафи дигарро, ки воситаи нақлиёти автомобилӣ дар он қарор дорад, риоя намоянд.

2. Дар сурати вайрон намудани ягон ҳолати Созишномаи мазкур дар қаламрави яке аз Тарафҳо, мақомоти даҳлдори давлати Тарафе, ки воситаи нақлиёти автомобилӣ дар он ба қайд гирифта шудааст тибқи дарҳости мақомоти салоҳиятдори давлати Тарафи дигар тамоми чораҳои заруриро оиди таъмини иҷроиши Созишномаи мазкур меандешад.

Ахборот оиди чораҳои андешидашуда ба мақомоти салоҳиятдори давлати Тарафи дигар равон карда мешавад.

3. Ҳолатҳои моддаи мазкур барои андешидани чораҳо нисбати ҳамлунақлкунандагони Тарафҳо, ки тибқи қонунгузории миллии давлате, ки дар он вайронкорӣ руҳ додааст, пешбинӣ шудааст, истисно буда наметавонанд.

## Моддаи 17

Масъалахое, ки аз ҷониби Созишномаи мазкур ва инчунин шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд, ба танзим дароварда нашудаанд, тибқи қонунгузории миллии ҳар яке аз Тарафҳо ҳал карда мешаванд.

## Моддаи 18

1. Бо мақсади таъмини иҷроиши Созишномаи мазкур аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятдори давлатҳо, Тарафҳо ба таври мутақобила мубодилаи ахборот оиди тамоми тағйиротҳо дар қонунгузории миллии давлатҳои худро, ки ба иҷроиши Созишномаи мазкур таъсир расонида метавонанд, менамоянд.

2. Дар сурати пайдо шудани мубоҳиса ва ихтилофот дар тафсир ё истифодабарии ҳолатҳои Созишномаи мазкур, Тарафҳо онҳоро ба тариқи машваратҳо ва гуфтушунидҳо ҳал хоҳанд кард.

## Моддаи 19

Барои татбиқи Созишномаи мазкур ва ҳалли масъалаҳои пайдошаванда дар соҳаи ҳамлу нақли байналмиллалии автомобилӣ, Тарафҳо вохӯриҳо дар сатҳи мақомотҳои салоҳиятдори давлатҳои Тарафҳо мегузаронанд.

Вохӯриҳо бонавбат дар қаламрави давлатҳои Тарафҳо тибқи пешниҳоди яке аз Тарафҳо, ки қаблан, як моҳ пеш бо роҳҳои дипломатӣ равон карда мешавад, гузаронида мешавад.

## Моддаи 20

Ба Созишномаи мазкур тибқи розигии Тарафҳо тағйирот ва иловаҳо ворид кардан мумкин аст, ки бо протоколҳои алоҳида ба расмият дароварда шуда, қисми ҷудонопазири он мебошанд ва тибқи тартиботи дар моддаи 22 пешбинишуда эътибор пайдо мекунанд.

## Моддаи 21

Созишномаи мазкур ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳо, ки аз дигар шартномаҳои байналмиллалии аз ҷониби онҳо басташуда бармеоянд, даҳолат намекунад.

## Моддаи 22

1. Созишномаи мазкур аз лаҳзаи гирифтани охирин огоҳиномаи хаттӣ оиди иҷроиши расмиётҳои дохилидавлатӣ аз ҷониби Тарафҳо, ки барои эътибор пайдо намудани он заруранд, эътибор пайдо менамояд.

2. Созишномаи мазкур ба мӯҳлати 5 сол баста мешавад ва он худ аз худ ба мӯҳлати 5 соли дигар тамдид карда мешавад, агар ягон Тараф ба таври хаттӣ, на камтар аз шаш моҳ қабл аз ба анҷомрасии мӯҳлати эътибори он оиди қарори хеш роҷеъ ба қатъи амали Созишномаи мазкурро изҳор нанамояд.

3. Аз рӯзи эътибор пайдо намудани Созишномаи мазкур, Созишнома байни Вазорати нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёти автомобилии Туркманистон дар бораи ҳамлу нақли автомобилӣ аз 22 июли (моҳи Горкут) соли 1993 аз эътибор соқит дониста мешавад.

Дар шаҳри Ашкобод "9" декабри (моҳи Битараплик) соли 2007 дар ду нусха, ҳар кадом ба забонҳои тоҷикӣ, туркманӣ ва русӣ таҳия гардида, ҳама матнҳо дорои эътибори якхела мебошанд.

Дар сурати пайдо шудани ихтилофот дар тафсири муқаррароти Созишномаи мазкур, матни забони русӣ ҳамчун асос гирифта мешавад.

| | |
|---|---|
| Аз ҷониби Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҷониби<br>Ҳукумати Туркманистон |